Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуи диссертатсия накша, маводи илмию амалии дар диссертатсия истифодашуда, натиҷа, хулоса ва тавсияҳои дар доираи таҳқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ки аз руйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Афзоиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки бо истифодаи технологияи иттилоотии муосир аз ҷумла интернет содир мешаванд, ба яке аз таҳдидҳои замони муосир табдил гардидааст, зеро чунин ҷиноятҳо бевосита ба асосҳои сохти конститититутсионӣ, амнияти минтақавӣ ва суботи байналмилалӣ таҳдид менамоянд. Бо истифода аз технологоияҳои муосири коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои экстремистии байналмиалӣ бо суръати хеле баланд ва дар муддати кӯтоҳи вакт идеология ва амалҳои густурдаи экстремистиро дар манотиқи гуногуни дунё паҳн карда, шумораи аъзоёни худро зиёд менамоянд, ҳатто барои бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани давлатҳои алоҳида кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Онҳо дар раванди фаъолияти таблиғотии худ аз иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталҳои видеоии интернетӣ ба таври васеъ истифода бурда, барои манипулятсияи шуури ҷавонон ва дар байни онҳо барангехтани кинаву адоват дар асоси ангезаҳои динӣ-мазҳабӣ, миллатгароӣ ва нажодпарастӣ хеле моҳирона истифода менамоянд. Чунин воситаҳои иттилоотӣ махсусан интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба чунин гурӯҳҳо имкон медиҳад, ки бидуни ном ё бо номҳои мустаъор амал намуда, ҳаракатҳои фаъолонаи худро ҷиҳати ҷалби ҷавонон барои иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар ва содир кардани дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта равона созанд. Чунин вазъият раванди ошкор ва пешгирӣ намудани амалҳои аъзоёни фаъоли ташкилотҳои экстремистиро, ки маъмулан дар хориҷи кишвар пойгоҳ доранд, мушкил гардонида, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар ин самт мураккаб мегардонад.

Дар замони муосир ташкилоти экстремистӣ-террористии байналмилалӣ дар фазои маҷозӣ бо номи «интернет-иттиҳодияҳо» арзи вуҷуд карда, онҳо ба таблиғу ташвиқи бесобиқаи ақидаҳои экстремистӣ машғуланд. Ташкилкунадагон, роҳбарон ва аъзоёни фаъоли чунин иттиҳодияҳо бо истифода аз интернет дар маблағгузорӣ, тайёр кардан ва содир кардани садҳо ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Муаллиф комилан дуруст қайд намудааст, ки имрӯзҳо ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, шароити хеле мусоид фароҳам оварда, ташкилкунандагон ва роҳбарони ташкилотҳои экстремистӣ дар хориҷи кишвар маскан гирифта, ҷавонони тоҷикро дар дохил ва хориҷи кишвар ба гурӯҳҳои ифротӣ моил месозанд ва фаъолияти экстремистии хешро ташкилу тарғиб менамоянд, ки ин ҳолат таҳдиди воқеӣ ба амнияти давлату ҷомеаро ба вуҷуд меоварад.

Новобаста аз мушкилоти зикркарда, барои бо таври комил ва бидуни духӯрагӣ дар асоси принсипи адолат ва талаботи қоидаҳои

тафсири қонуни ҷиноятӣ (моддаи 11(1) КҶ ҶТ) квалификатсия кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта тибқи талаботи моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ хеле баҳсбарангез мебошад. Зеро дар баъзан мавридҳо онҳо аломатҳои ҳамдигарро дар бар гирифта, боиси бандубасти як кирдори ҷиноятӣ аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ва афзоиши омори расмии чунин ҷиноятҳо гардидааст. Дар мавриди дигар барои як кирдор муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ду ва ё зиёда моддаҳо, боиси дағалона вайрон кардани муқаррароти принсипи адолат гардидааст. Инчунин, бо таври мушаххас дар доираи қонунгузории зиддиэкстремистӣ муайян набудани маҳакҳои тафриқакунонии ҳукуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта аз чунин кордорҳои ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва норавшани илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти асосҳои дар боло ишорашуда ва ҷой доштани мушкилот дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ мубрам будани мавзуъ баҳснопазир аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсия таҳқиқоти мустақили илмии муаллиф ба ҳисоб рафта, хулоса ва тавсияҳои он барои рушду инкишофи қонунгузории ҷиноятии кишвар заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Рисолаи диссертатсионии Аҳёзода Ш.Т. бо услуби хоси илмӣ навишта шуда, ягонагии дохилӣ дошта, дорои нуктаҳои навини илмӣ-назариявии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки баъзе аз онҳорро манзур намудан бомаврид аст. Масалан пешниҳоди муаллиф вобаста ба истифода бурдани истилоҳи ҳуқуқии «ВАО, шабакаҳои алоқаи баркӣ, аз ҷумла, интернет» ба тариқи якранг дар моддаҳои м. 374 КҲМ ҶТ, қ. 2 б. «г» м. 307 КҶ ҶТ, қ. 2 м. 307(1) КҶ ҶТ, қ. 3 м. 307(3) КҶ ҶТ ва қ. 1 м. 189 КҶ ҶТ ҷолиб буда, ҷонибдорӣ карда мешавад.(с.16-и диссертатсия). Дар воқеъ истилоҳи мазкур дар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври гуногун муқаррар

гардидааст, ки мухолифи моддаҳои 40 ва 50-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

Пешниҳоди дигар муаллиф вобаста ба муттаҳид намудани моддаҳои 189, 307 ва 307(1) **КҶ ҶТ** дар доираи як моддаи алоҳида бо номи «Даъватҳои оммавӣ барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ё моил кардани шахс барои амалӣ сохтани чунин ҷиноятҳо ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм» ва муттаҳид намудани моддаҳои 307(2) ва 307(3) **КҶ ҶТ** низ дар доираи як модда бо номи «Ташкил, роҳбарӣ ва ё иштирок дар иттиҳоди (ташкилоти) экстремистӣ» асоснок буда, баҳри ҳалли як қатор мушкилиҳо дар самти бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мусоидат мекунад. (саҳ 16-17)

Ҳамзамон, дар таҳқиқот тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд. Масъалаҳое, ки муаллиф онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст, сазовори баҳои баланд мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нишон дод, ки нуктаҳои илмии рисола, хулосаҳои муаллиф, ки ба таври амиқ дар ҳар як зербоб пешниҳод гардидаанд асоснок буда, мустақилона омода гардидани таҳқиқоти диссертатсиониро нишон медиҳад. Муҳимтарин нуктаҳои рисола аз ҷониби муаллиф дар шакли мақолаҳои илмӣ, баромад ва маъруза дар конференсияҳои илмӣ - амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешкаш гардидааст.

Диссертант таклиф, пешниҳод, хулоса ва натиҷаҳои худро бо нуқтаи назари олимон, натиҷаи назарсанҷӣ ва оморҳои расмӣ асоснок намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулосаҳои назариявие, ки дар доираи таҳқиқот коркард карда шудаанд, дар такомули илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, хосатан дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ заминаи воқеӣ фароҳам меоранд. Муаллиф тамоми ҷанбаҳои асосии экстремизми иттилоотӣ аз қабили хавфнокии экстремизми иттилоотӣ,

танзими ҳуқуқии муқовимат ба он ва раванди бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремизми иттилоотӣ, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир мешаванд мавриди омӯзиш қарор додааст, ки натиҷаҳои бадастомадаи он барои таҳқиқоти минбаъда аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамчунин, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада метавонанд дар раванди машғулияти таълимӣ аз фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, квалификатсияи ҷиноят ва курси махсуси муқовимат ба экстремизм ва терроризм мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмӣ ва илмии тақризшаванда.** Диссертант доир ба мазмун ва моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, дар доираи таҳқиқот монография, дастури илмӣ-таълимӣ, китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ ба чоп расонида шудааст, ки онҳо мазмуну моҳияти диссертатсияро фаро мегиранд.

Маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамоянд.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ, ақида, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои илмӣ, ки аз ҷониби Аҳёзода Ш.Т. пешниҳод гардидаанд бозгӯи он аст, ки рисола кори мустақилонаи муаллиф мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати рисола дар он баъзе ҳолатҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки муаллиф бояд ба он таваҷҷуҳ намояд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 70-и диссертатсия зикр намудааст, ки ӯ ҷонибдори дар диспозитсияи м. 189 КҶ ҶТ ва дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаи истифода бурдани истилоҳи «гурӯҳи

иҷтимоӣ», «низои иҷтимоӣ» нест, зеро мазмуни чунин истилоҳот ҳудудҳои экстремизмро бе ҳадду канор месозад. Ӯ дар идома дар саҳифаи 72-и таҳқиқоти мазкур изҳор менамояд, ки «дар ном ва диспозитсияи м. 462(1) КҲМ ҶТ ва м. 189 КҶ ҶТ истифода гардидани истилоҳи «низои иҷтимоӣ» аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ хеле истилоҳи васеъ арзёбӣ мегардад, чунки зери пардаи низои иҷтимоӣ дилхоҳ низоъҳои гурӯҳиро мансуб донистан имконпазир аст. Аммо аз чи сабаб бошад, ки масъалаи мазкур то охир хулосабарорӣ карда нашуда, ҷиҳати тағйирот ба қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳимоя нуктаи мушаххаси илмӣ пешниҳод манзур карда нашудааст.

2. Зербоби 3-юми диссертатсия «Танзими ҳуқуқии муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ» номгузорӣ шудааст, аммо аз чи сабаб бошад, ки муаллиф дар баробари таҳлили дигар кодексҳои ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ Кодекси ҷиноятии Украинаро низ таҳлил намудааст, дар ҳоле, ки давлати мазкур узви ИДМ намебошад. (саҳ.101-102).

3. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ парвандаҳои ҷиноятӣ ва амалияи судии ноҳияҳо ва шаҳри Душанберо истифода бурда, парвандаҳои ҷиноятии дигар минтақаҳои ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор надодааст, ки ин вазъи содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремизм, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир шудаанд, пурра ва ҳамаҷониба инъикос карда наметавонад.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида баҳснок мебошанд ва дар маҷмуъ ба мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Ш.Т. таъсири манфӣ намерасонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо

аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хулосавии тақриз.** Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад

Муқарризи расмӣ:
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдулаев Н.С.

Имзои Абдулаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи Славянии
Россия-Тоҷикистон Раҳимов А.А.

«17» 02 соли 2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30; Тел.: (+992) 37 221-35-50; (+992)200-77-88-82, Email: rtsu@mail.ru, https:// www/rtsu.tj.